

Санахои 25-26 августи соли равон тибки чадвали баргузории мулокоту вохӯрихои макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд чихати фахмонидани мохияи тантанахои 5500-солагии Саразми бостонӣ, 700-солагии Камоли Хучандӣ, оид ба пешгирии ходисахои номатлуби экстремизм ва терроризм, пешгирии шомилшавии чавонон ба хизбу харакатхои эктремистӣ ва баланд бардоштани эхсоси худшиносию худогохӣ дар байни чомеа, дар мачлисгохи макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Зафаробод, толори коллечи политехникӣ ва толори Чамоати дехоти Чомӣ силсила вохӯрихо бо сокинони нохия баргузор гардид.

Тибки накша дар мулокот намояндагони вилояти Сугд сармутахассиси омори вилоят Расулов Мубинчон Музаффарович, номзади илмхои педагогӣ, дотсенти Донишгохи давлатии хукук, бизнес ва сиёсати Точикистон Хасанов Хасан Хусейнович ва номзади илмхои таърих, устоди Донишкадаи иктисод ва савдои Донишгохи тичоратии Точикистон Тоатов Фирдавс Хабибуллоевич иштирок намуданд.

Дар рафти мулокотхо оид ба тантанахои 5500-солагии Саразми бостонӣ, 700-солагии Камоли Хучандӣ, оид ба пешгирии ходисахои номатлуби экстремизм ва терроризм, пешгирии шомилшавии чавонон ба хизбу харакатхои эктремистӣ ва баланд бардоштани эхсоси худшиносию худогохӣ дар байни чомеа аз чониби номзади илмхои педагогӣ, дотсенти Донишгохи давлатии хукук, бизнес ва сиёсати Точикистон Хасанов Хасан Хусейнович ва номзади илмхои таърих, устоди Донишкада и иктисод ва савдои Донишгохи тичоратии Точикистон Тоатов Фирдавс Хабибуллоевич фахмонида шуд.

Инчунин кайд карда шуд, ки санаи 21 сентябри соли 2001 бо Карори Хукумати ЧумхурииТочикистон ёдгории кадимии Саразм, ки дорои таърихи 5500 сола мебошад, хамчун маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, хунармандӣ ва шахрсозии точикон «Мамнуъгохи таърихиву бостоншиносии Саразм» эълон гардид. Ва рочеъ ба ин ёдгории кадима, Асосгузори сулху вахдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз минбархои баланди байналмилалӣ суханронӣ намуда, ин падидаи нодири таърихиро ба чахониён муаррифӣ карда буданд. Санаи 31 июли соли 2010 ёдгории Саразм бо пешниходи Президенти мамлакат ва бо судури як карор аз чониби Кумитаи мероси фархангии Муассисаи илм ва фарханги Созмони Милали Муттахид—ЮНЕСКО, ёдгории таърихии Саразм дар Панчакенти Точикистон ба фехрасти мероси чахонии фархангӣ ворид карда шуд. Сарвари давлат зимни дидору мулокот бо зиёиёни кишвар дар санаи 19 марти соли 2018 пешниход намуда буданд, то соли 2020-ум 5500-солагии Саразми бостонӣ хамчун маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ху-нармандӣ ва шахрсозии точикон чашн гирифта шавад. Перомуни тачлил аз ин падидаи таърихӣ, Сарвари давлат изхордоштанд, ки “Ин чорабинӣ имкон медихад, ки мо фарханги бешаз 5500 — солаи халкамонро, ки азчониби мутахассисону коршиносони маъруф ва доирахои илмии бонуфузи чахон эътироф шудааст, ба чахониён батаври шоиста муаррифӣ намоем”.

